# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-О15-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ тибқи протоколи №1 аз 1 марти соли 2023 оид ба диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) тасдиқ шудааст, хулосаи худро пешниҳод менамояд.

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида мебошад. Ҳамаи корҳои анҷомдодашуда самти таҳқиқоти такмили муқаррароти назариявию методӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ (ИЭЭ) дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Инчуни муаллиф тавонист инкишофи муқаррароти назариявӣ-методӣ ва коркарди маҷмӯи чорабиниҳои амалиро барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо роҳи баланд бардоштани самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузорад. Муаллиф кушиш кардааст, ки фаъолияти пурсамари инфрасохтори электроэнергетикиро ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисодиёт барраси карда, механизми ташкилӣ–иқтисодии фаъолияти онро ва таъсирашро ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ду гурӯҳи омилҳо: дохилӣ ва берунии ба ҳам вобаста намуда, дида баромадааст. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби диссертант мустакилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Инчунин бо истифодаи методикаи пешниҳодшуда таҳияи механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти босамараи инфрасохтори электроэнергетикӣ ва нақши он дар рушди иқтисодӣ дар Барномаҳои рушди вилояти Суғди Тоҷикистон вобаста мебошад. Хулосаҳои илмии рисола, ки ҳамчун тавсияҳои амалӣ пешкаш карда шудааст, дар фаъолияти ШСХК “Барқи Тоҷик”, Филиалҳои шабакаҳои тақсимот ва интиқоли барқ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи курсҳои таълимии

ташкили истеҳсолот (энергетика) ва муаммои электроэнергетикии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 - Ихтисодиёти сохавӣ (08.00.04.01- Ихтисодиёти саноат ва энергетика), ки вобаста аз он ба Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-015 аз руйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти сохавӣ (08.00.04.01- Иктисодиёти саноат ва энергетика) ки аз руйи он ба Шӯрои диссертатсион мувофики фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумхурии Точикистон аз 07-юми январи соли 2022, тахти №211/ШД ҳуқуқи «Қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумхурии Точикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Ҳомидова М.И. истифодаи мавод бидуни иктибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иктибос ба расмият даровapда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳомидова МИ., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи аспирант чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобики бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иктисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз руйи 08.00.04 - Иктисодиёти сохавӣ (08.00.04.01- Иктисодиёти саноат ва энергетика) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгохи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ барои ҳимоя кабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ мукарризони расмӣ аз руйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин мукаррар карда шаванд:

- Аҳророва Алфия Дадахановна - доктори илмхои иқтисодӣ, профессори Донишгохи техникии Точикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;

декани факултети молия ва карзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба хайси муассисаи такриздихандаи диссертатсия Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба химояи минбаъда ва чойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ичозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуки дастнавис ичозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмхои иктисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Исайнов Ҳ.Р.

Аъзоёни комиссия:
н.и.и., дотсенти кафедраи
молия ва суғураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Бобоев Ф
н.и.и., дотсенти мудири кафедраи менеҷменти истеҳсолии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ — Сафаров Қ.А.

Имзои Сафаров Қ.А.-ро тасдиқ мекунам. Сардори шӯъбаи кадрҳо Шарипова Д.А.

имзои / подпись Исайнов Ҳ.Р. ва Бобоев Ф.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.